Ҳамаи уммати ман дар амон хоҳанд буд, магар ошкоркунандагон, онон, ки гуноҳони худро ошкор мекунанд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Шунидам, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "Ҳамаи уммати ман дар амон хоҳанд буд, магар ошкоркунандагон, онон, ки гуноҳони худро ошкор мекунанд. Ва аз ҷумлаи чунин корҳо ин аст, ки шахс дар шаб амалеро (гуноҳеро) анҷом диҳад ва шабро ба саҳар бирасонад, дар ҳоле ки Аллоҳ онро бар ӯ пӯшонидааст, пас бигӯяд: Эй фалонӣ! Дишаб чунину чунон кардам. Ӯ шабро гузаронд, дар ҳоле ки Парвардигораш ӯро пӯшонида буд, сипас саҳар пӯшиши Парвардигорро аз худ бармедорад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён кардааст, ки мусалмони гунаҳкор ба афву мағфирати Аллоҳ Таъоло умед дорад, магар касе, ки гуноҳашро бо фахру такаббур ва вақоҳат баён мекунад, сазовори бахшиш нест. Зеро шабҳангом гуноҳ мекунад ва Аллоҳ Таъоло онро мепӯшонад, вале ӯ ба дигарон мегӯяд, ки дар шаб фалон гуноҳро анҷом додааст. Шабро бо ситру пӯшиши Парвардигор мегузаронад ва саҳар он пӯшиши Парвардигорро аз худ бармедорад ва гуноҳи кардаашро ошкор мекунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3756